# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба унвонҷӯй Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло ва диссертатсияи он – «Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфи дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ аз рӯи ихтисоси: 08.00.01 – назарияи иқтисодӣ ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод шудааст.**

Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло факултети математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро хатм намудааст. Солҳои 1999-2005 ба ҳайси Сармуҳосиби Кооперативи истеҳсолии “Орзубек”-и ноҳияи Фархор, солҳои 2005-2008 муаллим, муовини Директор оид ба таълими мактаби миёнаи №17-и ноҳияи Фархор, солҳои 2008-2011 Муовини Директори корхонаи воҳиди ёрирасони назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2001-2012 мутахассиси шуъбаи ташкилӣ ва кор бо кадрҳои Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, солҳои 2012-2016 мудири бахши оморӣ ва баҳисобгирии Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, солҳои 2016-2018 мудири бахши бақайдгирӣ ва кор бо созмонҳои ҷамъиятии Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз декабри соли 2018 то инҷониб Мудири шуъбаи ташкилӣ, бақайдгирӣ ва кор бо кадрҳои Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон фаъолият карда истодааст. Аз соли 2016 ассисенти ҳамкори кафедраи Назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат ва аз моҳи январи соли 2017 унвонҷуи кафедраи Назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат мебошад.

Вазифаи муҳимми стратегии иқтисоди миллӣ баланд бардоштани суръат ва беҳтар намудани сифати рушди иқтисодӣ ва ҳаёти иҷтимоии мардум мебошад. Дар байни бисёр омилҳои муайянкунандаи шароит ва имкониятҳои рушди иқтисодӣ омилҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Бинобар ин, зарурияти таъхирнопазири ҳалли масъалаҳо ва имкониятҳои рушди шарикии иҷтимоӣ ва фаъолияти иҷтимоии масъулиятноки субъектҳои ҷумҳурӣ ба миён омад, ки яке аз самтҳои муҳим дар татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба шумор меравад.

Рушди устувори иқтисодӣ ва соҳибкории бомасъулияти иҷтимоӣ, воридшавии ихтиёриро ба муносибатҳои шарикӣ ва дар ҳадафу вазифаҳои худ эътирофи афзалияти манфиатҳои умумии шариконро пешбинӣ менамояд. Консепсияи масъулияти иҷтимоиро метавон айни ҳол дар фаъолияти амалии субъектҳои иқтисдиёти ватанӣ мушоҳида намуд, ҳарҷанд сифати ғайринизомӣ дорад. Бинобарон коркарди асосҳои назариявии ва методологии таҳқиқи рушди шарикии иҷтимоӣ дар шароити низоми иқтиоди бозорӣ, ки дар он фаъолияти мустақилу озоди субъектҳои иқтисодӣ сурат мегираду муҳимияти масъулияти иҷимоӣ ва таъмини рушди инсону сармояи инсонӣ зери муносибатҳои сифр иқтисодиву бозории маҳдудият мешавад, масълаи мубрами рӯз аст. Бояд таъкид намуд, ки масаълаҳо дар шароити низоми иқтисодӣ дар илми ватанӣ бо таври қофӣ таҳқиқ нагардидааст. Бинобар ин, ба муҳиммияти мавзӯи таҳқиқоти шубҳае нест.

Муаллиф худ мустақилона мақсади таҳқиқи диссертатсиониро муаяйн намудааст, ки ба коркарди консепсияҳои рушди асосҳои институтсионалии ташаккули шарикии иҷтимоӣ ҳамчун самти калидии рушди иқтисодии субъектҳои хоҷагидори иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст. Вобаста ба ҳадафҳои гузошташуда вазифаҳои таҳқиқотро низ мантиқан муаяйн намудааст. Пайваста бо мутолиаи адабиётҳои бунёди дар соҳаи мавзӯи таҳқиқотӣ муаллиф объект ва предмети таҳқиқотро мушаххас муаяйн намудааст.

Муаллиф дар мавриди таҳқиқоти диссертатсинӣ ба дастовардҳои илмӣ ва нашрияҳои олимони ватанию хориҷӣ такя намудааст, ки аз самти назарияи иқтисодӣ, иқтисоди сиёсии меҳнат, назарияи иқтисодии институтсионалӣ ва шарикии иҷтимоӣ иборатанд. Ба сифати методҳои асосии таҳқиқот дар кори диссертатсионӣ муносибати системавӣ ва анализи системавӣ, инчунин методҳои моделсозии иқтисодӣ-математикӣ, анализҳои графикӣ ва таҳлилҳои оморӣ истифода гардидаанд. Ба сифати маъхази таҳқиқ қонунгузориҳо ва дигар санадҳои гражданӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, захираҳои итилоотии мақомотҳои давлатӣ, иттифоқҳои касаба, мақомотҳои системаи шарикии иҷтимоӣ истифода гардидаанд.

**Навоварии илмии таҳқиқи диссертатсионӣ** дар таҳлили асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди институтҳои шарикии иҷтимоӣ ва коркарди асосҳои илмии меёрҳои арзёбӣ ва механизмҳои рушди шарикии иҷтимоӣ, ки ба рушди иқтисодӣ мусоидат менамояд, иборат мебошад.

**Таҳқиқи диссертатсионӣ аҳаммияти назарӣ ва амалиро доро буда. натиҷаҳои илмии таҳқиқотро метавон** барои мукаммал намудани ташкили ҳамкориҳои мутақобилаи мақомотҳои давлатӣ, иттифоқҳои касаба, корфармоён дар сатҳҳои гуногун дар ташаккули сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар самти такмили муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ истифода бурд. Методҳо ва қоидаҳои дар таҳқиқи диссертатсионӣ таҳия гардидаро метавонанд роҳбарони корхонаҳо, кормандони дастгоҳи мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои иттифоқҳои касаба ҳангоми омода намудани лоиҳаи татбиқи низоми шарикии иҷтимоӣ истифода намоянд. Маълумотҳои диссертатсияро дар протсесси омӯзиши донишҷӯён аз рӯи ихтисосҳои “Назарияи иқтисодӣ”, “Иқтисодиёти миллӣ” истифода шудааст.

Муаллиф натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии худро дар маърӯзаи конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, илмӣ-назарӣ ва илмӣ-амалӣ, конференсияҳои илмӣ-амалии аспирантҳо, унвонҷӯйҳо ва докторантҳои Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат арзёбӣ намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ дар 7 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 4 варақи нашр дар маҷаллаҳое нашр карда шудаанд, ки аз тарафи Комиссияи олии атестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нашри маводҳои диссертатсионӣ, барои дарёфти дараҷаи доктори илм тахияшуда пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло, ки дар мавзӯи «Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иҷро гадидааст, кори илмии ба итмомраида маҳсуб мешавад. Муаллиф ба ҳадаф ва вазифаҳои татқиқоти диссертасионӣ ноил гаштааст. Самти татқиқот ба ихтисоси ба 08.00.01–назарияи иқтисодӣ, зербандҳои 1.1. Иқтисоди сиёсӣ: сохтор ва қонуниятҳои рушди муносибатҳои иқтисодӣ; моликият дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои иқтисодӣ; назарияи механизми хоҷагидорӣ ва рушди он: принсипҳо тамоюлҳо ва хусусиятҳо; қонуниятҳои таҳавулоти низомҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ; гуманизатсияи рушди иқтисодӣ; 1.2. Алоқамандии некуаҳволии инфиродӣ ва ҷамъиятӣ. 1.4.Назарияи иқтисоди институтсионалӣ ва таҳавулотӣ: назарияи иқтисодиёти гузаранда ва дигаргуншавии (трансформатсия) низомҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ; интихоби иҷтимоӣ-иқтисодӣ, мутобиқат менамояд. Бинобар ин диссертатсияро метавон ба Шурои диссертатсионӣ барои қабул ва муҳокимаи минбаъдаи он пешниҳод намуд.

Роҳбари илмӣ, д.и.и, профессор А.Мирсаидов